# ВАРАҚАИ ИТТИЛООТӢ

Душанбе, 16.04.2021

**Ташаккули шахсӣ ва маърифати шаҳрвандӣ ба маҳкумшудагон пас аз озодшавӣ ба ҷомеа баргаргаштан кӯмак мекунад**

Аз 20 апрели соли 2021 силсилаи тренингҳо оид ба ташаккули шахсӣ ва маърифати шаҳрвандӣ барои 70 маҳкумшуда дар муассисаҳои ислоҳии ш. Норак ва н. Ёвон гузаронида мешавад.

Тренерон барномаҳои таълимии худро бо назардошти низомҳои дахлдор дар муассисаҳои ислоҳӣ мутобиқ мекунанд. Машғулиятҳои омӯзишӣ ба маҳбусон имкон медиҳанд, ки малакаҳои муошират, худбоварӣ ва ҳавасмандии худро такмил диҳанд, инчунин раванди ҳалли низоъро фаҳманд. Иштирокчиён тарзи навиштани тарҷумаи ҳоли худ, тартиб додани аризаҳо, муҳокимаи рафтори худ ҳангоми мусоҳибаҳо меомӯзанд. Инчунин, онҳо бо қонунгузории мавҷудаи кишвар шинос мешаванд, ки ба мутобиқшавӣ баъд аз озодшавӣ дар ҷомеа мусоидат хоҳад намуд.

Бағайр аз ин, дар тренингҳои омӯзишӣ масъалаҳои ҳамгироии иҷтимоӣ баъд аз озодшавӣ муҳокима карда мешавад ва маълумот оид ба тамос бо мақомот ё ташкилотҳое, ки метавонанд ба шахсони озодшуда дар ҳолатҳои гуногуни ҳаётӣ, аз ҷумла барқароркунии ҳуҷҷатҳо ва ҷустуҷӯи ҷои кор кӯмак карда метавонанд, пешниҳод карда шаванд. Интизорӣ аст, ки иштирокчиёни тренинг ба ҷомеаи муосир бо дониши бадастовардаашон беҳтар равона карда мешаванд.

Ҳангоми омӯзиш тамоми чораҳои пешгирӣ аз хавфи сироятии КОВИД-19 (ниқобҳо, антисептикҳо ва масофаи иҷтимоӣ) риоя карда мешавад.

Лоиҳа аз аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо ва Вазорати федералии ҳамкории иқтисодӣ ва рушди Олмон маблағгузорӣ мешавад.Тренингҳои номбар шударо ташкилоти ҷамъиятии «Ҷаҳон» дар ҳамкорӣ бо Институти ҳамкории байналмилалии Ассотсиатсияи донишгоҳҳои халқии Олмон (DVV International) мегузаронад.

Лоиҳаи “Беҳтар намудани дастрасӣ ба ҳуқуқҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии маҳкумшудагон ва собиқ маҳкумшудагон дар Тоҷикистон” (SECRET-3), аз ҷониби намояндагии DVV International дар Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои ҷамъиятии маҳаллӣ: "Идораи ҳуқуқи инсон ва риояи қонуният" ва "Ҷаҳон" амалӣ карда мешавад. Лоиҳаи дусола ба ҳимояи ҳуқуқҳои яке аз гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ - маҳкумшудагон ва шахсони аз маҳбас озодшуда мусоидат намуда, ба татбиқи ҳуқуқҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии онҳо дар Тоҷикистон диққати махсус медиҳад.

***Барои дарёфти иттилои муфассал, лутфан муроҷиат намоед ба:***

*Зарина Холиқова, директори Намояндагии DVV International дар Тоҷикистон тавассути почтаи электронии khalikova@dvv-international.tj ва Шахло Абдунабизода, директори ТҶ «Джахон»,тавассути почтаи электронии ngo.jahon@gmail.com*

Лоиҳа аз ҷониби

Институти ҳамкории байналмилалии Ассотсиатсияи донишгоҳҳои халқии Олмон амалӣ мешавад.
Дафтари Намояндагӣ дар ҶТ
Суроға: кӯч. Бохтар 37/1, щ.Душанбе, Тоҷикистон, 734025
Тел.: (+992 37) 227 72 29, 227 72 33
Сомона: www.dvv-international.tj

Лоиҳа аз тарафи Иттиҳоди Аврупо маблағгузорӣ карда мешавад.
Намояндагии Иттиҳоди Аврупо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Суроға: к. Адҳамов, хонаи 74
734013 Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон
тел: (+992 37) 221 74 07, 227 10 24
Факс: (+992 37) 221 43 21
Delegation-Tajikistan-Pic@eeas.europa.eu
http://eeas.europa.eu/delegations/tajikistan/index_t g.htm

Иттиҳоди Аврупо аз 27 мамолики узв иборат аст, ки онон қарор доданд тадриҷан дониш, захира, ва тақдири хешро пайвананд. Ҳамроҳ таи 60 соли васеъшавӣ онҳо минтақаи устувор, демократӣ ва рушти бардавомро бунёд намуда, ҳамзамон гуногунияти фарҳангӣ, арзи таҳаммул ва кафолати озодии шахсиро нигоҳ доштанд. Иттиҳоди Аврупо омода аст муваффақиятҳо ва арзишҳояшро бо мамолик ва қавмиятҳои берун аз сарҳадоти хеш бо ҳам бубинад. Аз ин лиҳоз, Иттиҳоди Аврупо дар Тоҷикистон аз соли 1992 инҷониб фаъолият бурда, ҳамасола барои рушти мамлакат тақрибан 35 млн. евро фароҳам менамояд.